# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Яке аз сабабҳое, ки он корҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷиро оид ба ташаккули фаъолияти бозори меҳнат дар бахши кишоварзии минтақа дар бар гирифтааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Бояд гуфт, ки камбудии ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ соҳаи кишоварзии ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро, инчунин, Вазорати меҳнат,муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ истифода бурда метавонад. Маҳз масъалаҳои номбурда муҳимияти интихоби мавзуи таҳқиқотии диссертанро ба миён гузоштааст. Унвонҷу фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2009 ҳамчун ассистенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хусрав (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав) оғоз намудааст. Мавзуи таҳқиқоти Унвонҷу бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 26.10.2015 сол, бо суратҷаласаи №03 тасдиқ карда шудааст. Айни ҳол омӯзгори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи номбурда мебошад.

Мукаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва мухтавои он ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд, аз ҷумла: 1.7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ; савдои байниминтақавӣ. Назарияи ҷуғрофиёи нави иқтисодӣ; 1.15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Муаммоҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии маҳаллӣ; 1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 1.22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар

минтақаҳо ва хусусиятҳои идоракунии он. Муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар минтақаҳо. Хусусиятҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ.

Дар раванди иҷрои кори илмию таҳқиқотӣ, ҳамчун таҳқиқгари ҷиддӣ дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши таҳияи мақолаҳои илмӣ, обаста ба мавзӯи диссертатсионӣ мустақилият нишон дода, 13 мақолаи илмӣ ба чоп тавсия намуд, ки аз онҳо 11 мақола нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯ Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар кори диссертатсиони роҳҳои бартараф намудани мушкилотҳои ошкоршудаи муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии минтақаро мавриди омӯзиш қарор дода, вазъияти имрӯзаи методикаи таъсири равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ таҳлил намудааст. Ҳамчунин Кабиров Шарофудин Раҳмудинович тавонистааст роҳҳои асосии такмилдиҳии муҳоҷирати меҳнати ба соҳаи кишоварзи дар вилояти Хатлони ҶумҳурииТоҷикистон пешниҳод намояд.

Умуман кори диссертатсионӣ сохтори хуби мантиқӣ дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ гардида, унвонҷӯ Кабиров Шарофудин Раҳмудинович тавсияҳои илман асоснок таҳия кардааст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзӯи «Таъсири равандҳои муҳочират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба алаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А.

Нишонии Донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2.
Телефон: +992 (37) 234-83-46, +992 (37) 234-85-46.
Email: mail@ddtt.tj: tguk@mail.ru.
www: www.tguk.tj.

Имзои н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.- ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

“25” 08 соли 2023